# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода» ба диссертатсияи Иброгимова Машҳурахон Тураҷоновна дар мавзуи «Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Комиссияи ташхис дар ҳайати доктори илмҳои филологӣ Қосимов О.Ҳ (раис), номзади илмҳои филологӣ, дотсент Абдуллоева Г.З. (аъзо) ва номзади илмҳои филологӣ, дотсент Насруллоев М.Н. (аъзо) оид ба рисолаи пешниҳодшуда ба чунин хулоса омаданд:

Диссертатсияи **Иброгимова Машҳурахон Тураҷоновна дар мавзуи «Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ»** ба яке аз мавзуҳои мубрами забоншиносии муқоисавӣ – муқоисаи майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бахшида шудааст. Боиси зикр аст, ки мавзуи мавриди таҳқиқ арзишманд буда, оид ба воҳидҳои гуногунсатҳи забонии ифодакунандаи маънои макон ва паҳншавии воҳидҳои мазкур дар дохили майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисиву тоҷикӣ маълумоти мухтасар медиҳад.

Таҳлили муқоисавии сохтор ва нишондиҳандаҳои таркибии майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ба доираи таҳқиқи назариявӣ ва амалии масъалаҳои грамматикаи функсионалӣ шомил аст. Муҳаққиқ дар муқаддимаи диссертатсия қайд намудааст, ки солҳои охир дар забоншиносии муқоисавӣ сохтор ва таркиби майдонҳои функсионалӣ-семантикии модалият, замон, таксис ва амсоли он муфассал таҳлилу таҳқиқ шудаанд. Ҳамзамон, зикр гардидааст, ки воҳидҳои гуногунсатҳи забонии ифодакунандаи макон дар забони англисӣ ва тоҷикӣ аз тарафи донишмандони нуктасанҷ ботафсил омӯхта шуда бошанд ҳам, аммо таҳқиқи муқоисавии воҳидҳои мазкур дар ҳудуди майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ то имрӯз мавриди омӯзиши комил қарор нагирифтааст, ки ин масъала муҳиммияти мавзуи интихобшударо асоснок менамояд. Аз ин сабаб, ба риштаи таҳлил кашидани майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар ду забони муқоисашаванда, ки воҳидҳои гуногунсатҳи забонии ифодакунандаи маънои маконро фарогир аст, яке аз мавзуъҳои мубрам ва саривақтист.

Омӯзиши муқоисавии майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ, яъне низоми воситаҳои гуногунсатҳи ифодаи маънои локативият дар заминаи маводи фаровони фактологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ сурат гирифта, дарёфт намудани хусусиятҳои монанд ва фарқкунандаи сохтор ва нишондиҳандаҳои майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои муқоисашаванда мубрамии мавзуи таҳқиқотро ташкил додааст.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии** диссертатсияи мазкур аз он иборат аст, ки омӯзиш дар асоси таҳлили маводи воҳидҳои гуногунсатҳи забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ сурат гирифта, ҷойгиршавии майдон ва ифодаҳои марбут ба онро дар ду забони муқоисашаванда фаро мегирад. Ин муаммо дар забоншиносии тоҷик бори нахуст мавриди пажуҳиши мушаххаси илмӣ қарор гирифта, натиҷаҳои назарии бадастомадаро метавон ҳамчун сарчашмаи боэътимод дар муайян намудани паҳлуҳои мухталифи майдони функсионалӣ-семантикӣ дар забонҳои дигари муқоисашаванда истифода бурд.

Ҳамзамон, масоили майдони функсионалӣ-семантикӣ дар ифодаи вазифаи мушаххаси муоширатӣ хеле муҳим буда, он барои аз тарафи омӯзандагони забони англисӣ ба беҳтару хубтар дарк намудани воситаҳои забоние, ки ба муҳити муносибатҳои фазоӣ тааллуқ доранд, мусоидат мекунад. Аз ин ҷиҳат, натиҷаҳои таҳқиқотро дар курсҳои махсуси грамматикаи функсионалӣ, грамматикаи назариявӣ ва амалии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, курсҳои назарии тарҷума ва типологияи муқоисавии забонҳо, ҳангоми таҳияи рисолаҳои магистриву номзадӣ аз рӯйи ихтисоси марбут метавон истифода бурд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мазмун ва муҳтавои таҳқиқоти илмии мазкур таҳти унвони **«Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ»** барои дарёфт намудани дараҷаи илмии доктор (PhD) бо шиносномаи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мувофиқат мекунад.

Диссертатсия аз мукаддима, се боб, хулоса ва руйхати адабиёт иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия оид ба мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумот дода шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия – **«Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забоншиносӣ ва муаммоҳои он»** оид ба асосҳои омӯзиши воҳидҳои забонӣ аз нигоҳи назарияи майдони функсионалӣ-семантикӣ мухтасар маълумот дода шудааст. Боби мазкур аз се фасл иборат буда, дар он масъалаҳои назариявии пажуҳиш мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Боби дуюми диссертатсия - **«Майдони хурди ҷойгиршавӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ»** - ду фаслро фарогир аст. Дар боби мазкур оид ба сохтори майдони хурди ҷойгиршавӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ва нишондиҳандаҳои асосии марказу музофоти он маълумоти мухтасар дода шудааст.

Дар боби сеюм - **«Майдони хурди ҷойивазкунӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ»** сохтор ва таркиби майдонҳои хурди ҷойивазкунӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ тасвир гардида, он аз ду фасл мураттаб шудааст.

**Саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот** дар он аст, ки бори нахуст дар асоси маводи забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ майдони функсионалӣ-семантикии

локативӣ, сохтор ва унсурҳои таркибии он мавриди пажуҳиши диссертатсионӣ қарор гирифта, хусусиятҳои шабеҳ ва фарккунандаи онҳо нишон дода шуда, дар асоси таҳлил хулосаҳои аниқи илмӣ бароварда шудаанд. Маводи назариявиву амалии ҷамъовардашуда барои ҳалли як зумра масъалаҳои мавҷудаи забоншиносии муқоисавии тоҷику англис саҳми назаррас мегузорад.

Ба назардошти афзалиятҳои мазкур диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-уми «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи илмӣ мебошад. Дар диссертатсия саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ аён буда, мақсаду вазифаҳои пешгузошташуда пурра ҳаллу фасл гардидаанд.

Мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсия дар 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақолаи дигар, ки дар маҷмуаҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявию минтақавӣ нашр шудаанд, инъикос ёфтааст. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои илмии таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфтаанд. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои диссертатсия ва арзиши амалии онро ба инобат гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Иброгимова Машҳурахон Тураҷоновнаро дар мавзуи «Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Иброгимова Машҳурахон Тураҷоновна дар мавзуи «Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода" тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мувофиқат мекунад, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Раҳмонова Наргис Шарифовна -** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- - **Комилов Мирато Миршаробович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ ба номи Садриддин Айнӣ;

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода” ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳукуки дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаи таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ профессор,
аъзои Шурои дисссертатсионӣ Қосимов Олимҷон Ҳабибович

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент, Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна
аъзои Шурои диссертатсионӣ

номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Насруллоев Муҳаммад Нуруллоевич

Имзоҳои О.Ҳ.Қосимов, Г.З.Абдуллоева
ва М.Н. Насруллоевро тасдиқ менамоям:
Мудири шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

**Нишонӣ:** 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода»
Тел.: +992 372325000, Факс: +992 372325003,Сомона: www.ddzt.tj

«21» феврали соли 2025